# МАВЗУИ 4. МАСЪУЛИЯТНОКӢ ВА БАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶТИМОӢ

*1. Мазмун ва мундариҷаи масъулияти иҷтимоӣ*
*2. Масъулияти иқтисодӣ ҳамчун ченаки фаъолияти корхона*
*3. Масъулияти ҳуқуқӣ ва этикӣ дар корхона*

## 1. Мазмун ва мундариҷаи масъулияти иҷтимоӣ

Консепсияи масъулиятнокии ташкилот дар назди ҷамъият, ҳамчун консепсияи этикӣ, хело ҳам содда мебошад: мазмуни асосӣ он аст, ки ташкилот бояд, ки хубро аз бад фарқ кунад ва мувофиқи меъёрҳои маънавие, ки ҷамъият қабул намудааст, амал намояд.

***Мазмуни расмии масъулияти иҷтимоӣ ин ӯҳдадориҳои роҳбари ташкилот барои қабули қарор ва фаъолиятҳое мебошад, ки дараҷаи некӯаҳволии одамон ва манфиати ҷамъият ва ташкилотро низ беҳтар менамояд.***

Албатта аз нигоҳи назариявӣ ин муайянкунӣ он қадар мушкил нест, вале амалӣ гардонидани он системаи хело мураккаб мебошад. Зеро, ки ҳар яки мо пеш аз ҳама дар асоси меъёрҳо ва арзишҳои дохилии худ қарор қабул менамоем. Аз тарафи дигар аксар ҳолатҳо манфиатҳо бо ҳам зид мебошанд, яъне агар мо музди меҳнати коргаронро бемайлон баланд бардорем, хоҳ нохоҳ ин ба иқтисоди корхона таъсири манфӣ мерасонад. Агар не дараҷаи зиндагии мардум паст мемонад. Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки ин масоилҳо хело мураккабанд. Саволе дигар ҳам ба миён меояд, ки корхона дар назди ки масъулияти иҷтимоӣ дорад? Аз нигоҳи менеҷмент муҳити дохила ва берунаи корхона хело васеъ буда, аз унсурҳои зиёде иборат мебошанд. Муайян шудаанд, ки ***гурӯҳҳои манфиатнок,*** ки дар дохил ва берун аз корхонаҳо вуҷуд доранд, талаботи махсуси худро оиди фаъолияти корхонаҳо доранд. Мисол дар расми 3 гурӯҳҳои манфиатноки асосиро нишон медиҳем.

Дар байни 16 гурӯҳи манфиатдорон боз ҷудо кардан мумкин аст, манфиатдорони асосиро, ки бе онҳо ширкат вуҷуд дошта наметавонад, инҳо инвесторҳо, саҳҳомон, коргарон, харидорон ва молтаъминкунандагон мебошанд. Талаботи инвесторон ва саҳҳомон ин пеш аз ҳама идоракунии самараноки ширкат, ки фоида ба даст оварда, самаранокии истифодабарии захираҳоро таъмин карда тавонанд. Коргарони ширкат бошанд талаб доранд, ки аз

натиҷаи меҳнаташон қаноатмандӣ гиранд ва баробари музди хуби меҳнат инчунин роҳбарии хуб, муҳити психологии хуби корхонаро интизор мебошанд. Харидорон бошанд сифати хуби мол, нархи нисбатан паст, имкон ба молҳо ва хизматҳоро интизор мебошанд




Расми 3. Гурӯҳҳои манфиатдори фаъолияти истеҳсолии ширкати калон

Ба ҳайати гурӯҳҳои манфиатдори асосӣ инчунин давлат ва аҳолии минтақае, ки ширкат дар он ҷойгир мебошад шомил кардан мумкин аст.

Ба сифати гурӯҳи дигари манфиатдорон ин олимони бахши экологӣ, гурӯҳи муҳофизати табиат баромад мекунанд. Маълум аст, ки дар шароити имрӯза аксари фаъолиятҳои корхонаҳо, махсусан корхонаҳои калон бевосита ба нобудшавии олами наботот ва ҳайвонот, инчунин ифлосшавии муҳити атроф оварда мерасонад. Бинобар ин аз тарафи гурӯҳи манфиатдор балансы экологӣ нигоҳ дошта шавад ва ташкилоту корхонаҳо он меъёрҳое, ки онҳо пешниҳод мекунанд, риоя намуда, барои беҳтаршавии вазъи экологӣ боз маблағҳо низ ҷудо намоянд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки масъулиятнокии иҷтимоӣ барои менеҷерон чизи осон набуда, хело мушкил мебошад ва онҳо хоҳ нохоҳ бояд онро иҷро намоянд. Чунин фаъолияти ташкилот аз якчанд тараф баҳо дода мешаванд. Яке аз модели баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти иҷтимоии корхона дар расми 4 оварда шудааст.

**2. Масъулияти иқтисодӣ ҳамчун ченаки фаъолияти корхона**

Ченаки аввали баҳои масъулияти иҷтимоии корхона - ин ***масъулияти иқтисодӣ*** мебошанд. Тамоми ташкилоти тиҷоратӣ ячейкаи ҷамъиятие мебошанд, ки масъулиятро оид ба истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ ва хизматҳо ва максимизатсияи фоидаи саҳҳомӣ равона месозанд. Мақсади баланди масъулиятнокии иқтисодӣ ин ҳарчи фоидаи зиёд ба даст даровардан мебошад. Иқтисодчии бузург Фридман, асосҳои назариявии ин консепсияро кор карда баромадааст. Вай қайд мекунад, ки фаъолияти ташкилот бояд ба гирифтани фоида итоат намояд ва вазифаи ягонаи он барои зиёд кардани фоида равона карда шудааст.




Расми 4. Нишондиҳандаҳои баҳои натиҷаи фаъолияти иҷтимоии ташкилот

Аммо дар мамлакатҳои Аврупо, Канада ва ИМА чунин муайянкунӣ боиси қабул нест, зеро гирифтани фоида вазифаи ягонаи корхона шуда наметавонад. Ин барои корхона дар охир манфӣ анҷом меёбад.

**3. Масъулияти ҳуқуқӣ ва этикӣ дар корхона**

Фаъолияти кадом ҷамъияти имрӯзае, ки набошад, дар асоси қоидаҳо, қонунҳо ва дигар меъёрҳо ба танзим дароварда мешаванд.

***Масъулиятнокии ҳуқуқӣ*** гуфта, дар ташкилот зарурияти риоя намудани қоида ва меъёрҳое, ки ҷамъият дар шакли қонунҳо ва

дигар санадҳои меъёрӣ муайян намудааст, меноманд. Қонунҳо ба ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳокимияти марказӣ мансуб мешаванд.

Ташкилоте, ки дидаю дониста ва умуман қонунро вайрон мекунад ба ҷавобгарии моддӣ, маъмурӣ ва ҳуқуқию ҷиноятӣ кашида мешаванд.

***Масъулияти этикии*** корхона ин фаъолияти зарурии ҷамъиятӣ мебошад, ки дар ягон қонун дида нашудааст ва ба масъулияти иқтисодии корхона дохил намешаванд. Дар боло қайд кардем, ки рафтори корхона этикӣ ҳисоб карда мешавад, дар ҳолате ки агар менеҷерони он қоидаҳои баробарӣ, ҳақиқатпарастӣ ва холисиро риоя намоянд.

***Рафтори ғайриахлоқӣ*** гуфта, рафтори корхонаеро мегӯянд, ки аз ҳисоби ҷамъият фоида ба даст оварда, ба он зарар биорад. Аксари мавридҳо сохтмони мағозаҳои калони тиҷоратӣ дар маркази нуқтаҳои аҳолинишин боиси он мегардад, ки мардум дигар ба ҷои дур рафта хароҷоти зиёд карда харид намекунанд ва баробари ин дар назди мағозаҳо сартарошхона, қаҳвахона, тарабхона пайдо шуда, ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар натиҷа ташкилот манфиатҳои тиҷоратиро ба манфиатҳои ахлоқӣ мувофиқ кунонидаст.

***Масъулиятнокии иҷтимоиро*** ба ӯҳда гирифтан, ин хоҳиши волои роҳбарони ташкилот ба ҳисоб меравад, ки онҳо маблағгузории мактабҳо, боғчаҳои бачагона, нафақахӯрон, одамони ноқисулақлро ба зимма мегиранд. Ҳолатҳое низ мешаванд, ки мақомоти ҳокимияти маҳал талаботи навро пеш мегузоранд. Дар назарияи менеҷмент як қатор пешниҳодҳо мавҷуд аст, ки корхона бояд истифода кунад. Ин ҳаракатҳо монеагузорӣ, муҳофизатӣ ва мувофиқ шудан ба ҳолати ғайрифаъол мебошанд.

| | |
|---|---|
| *Баланд* ↑ | **Ғайрифаъол** (қабул кардани талаботи иҷтимоӣ) |
| | **Ба вазъият мувофиқ шудан** (қабул кардани ӯҳдадориҳои нави этикӣ) |
| Дараҷаи масъулияти иҷтимоӣ | **Муҳофизат** (он чизеро, ки қонун талаб мекунад, ҳамонро иҷро кардан) |
| ↓ *Паст* | **Монеагузорӣ** (зиддият нишон додан) |

Расми 5. Рафтори ташкилот ба талаботи иҷтимоӣ

Агар таҳлили воқеии рафтори ташкилотро назар афканем, асосан ташкилоте монеа мешаванд, ки фаъолияташон пурра дар асоси талаботи иқтисодӣ ба роҳ монда шудаанд. Ташкилоте, ки тактикаи ғайрифаъолро пеш гирифта, ба талаботи иловагӣ ризо мешаванд, бо худ пурра масъулияти иловагии иҷтимоиро мегиранд ва барои беҳтар шудани дараҷаи иҷтимоии ҷамъият кӯмак мерасонанд.